**Тартиби қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа ба МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд"**

1. Қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров дар асоси Қонун «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад;
2. Қабули шаҳрвандони хориҷӣ тибқи квотаи ҷудошуда дар асоси фармоиши давлатӣ, инчунин, дар асоси шартнома бо донишгоҳ мувофиқи тавсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи квотаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тоҷиктаборони дунё амалӣ карда мешавад;
3. Шаҳрвандони хориҷие, ки дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ мебошанд, ба донишгоҳ қабул карда мешаванд. Сатҳи ихтисос, ки барои дохилшавӣ ба чунин шаклҳои таҳсил зарур аст, аз тарафи донишгоҳ тибқи талаботи мавҷудаи барномаҳои таълимӣ муайян мегардад;
4. Дар сурате ки шаҳрвандони хориҷӣ аз курси тайёрӣ гузашта бошанд, натиҷаи имтиҳони хатми курси тайёрии донишгоҳ ба сифати натиҷаи имтиҳони дохилшавӣ ҳисоб карда мешавад;
5. Шаҳрвандони хориҷие, ки ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартнома қабул мешаванд, бо муассисаи таълимӣ қарордод ба имзо мерасонанд, ки дар он шартҳои таҳсил, уҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои тарафҳо нишон дода мешавад;
6. Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабули донишгоҳ пешниҳод менамоянд чунин мебошанд:

- ✓ аризаи шахсӣ (анкета оид ба қабул ба таҳсил) бо нишондоди ихтисоси интихобшуда ва шакли таҳсил;
- ✓ ҳуҷҷати аслии таҳсилот, ки ба ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳсилот баробар аст (Шаҳодатномаи баробарарзишӣ оид ба таҳсилот), бо нишондоди ихтисос (дараҷа),

фанҳои омӯхташуда ва натиҷаи баҳоҳо, тасдиқи тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ ва ё русӣ бо тартиби муқарраргардида;

- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ (аттестат ва ё дипломи коллеҷҳои касбӣ бо иловааш) барои онҳое, ки ба курси 1 қабул мешаванд;
- дипломи бакалавр (ва ё мутахассис) ё дипломи ба ин дараҷаи ихтисос баробар (барои онҳое, ки ба магистратура қабул мешаванд);
- маълумотномаи тиббии намунаи муқарраршуда, ки набудани бемории аломати масунияти бадан (СПИД)-ро шаҳодат медиҳад;
- нусхаи шиноснома бо раводид ва қайди амалкунанда (ҳангоми дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон будан);
- 8 дона сурати 3х4.

7. Ҳуҷҷатҳои довталабон баъди аз нострификатсия (баробарарзишӣ) гузаронидани ҳуҷҷати таҳсилот қабул карда мешаванд;
8. Довталабоне, ки дар рӯзи муайяншуда бесабаб ба озмуни қабул ҳозир нашудаанд, аз суҳбат нагузашташуда ҳисобида мешаванд.